## СЕМИНАРҲОИ ИЛМИИ КАФЕДРАҲОИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО
**дар соли 2025**

Дар соли равон тибқи нақшаҳои пешбинишуда дар факултети забонҳои Осиё ва Аврупо, дар ҳайати 5-кафедра зимни гузориши мудирони кафедраҳо дар маҷмуъ, 39-семинари илмии доимоамалкунандаи устодони кафедраҳо ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин миқдор аз оғози соли 2025 то инҷониб 26-адади он бо гузориш ва протоколҳо баррасӣ гардида, 13-семинари боқимонда  бояд то анҷоми соли 2025 баргузор карда шавад. Мавзуъҳое, ки зимни семинарҳои илмӣ барои музокираҳо, баҳсу мунозираҳо пешниҳод мегарданд, гуногунҷабҳа буда, барои боз ҳам рушд додани малака ва таҷрибаи устодони кафедраҳо мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, дар бахши забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, услубу сохтори забонҳои хориҷи кишварҳои омӯхташаванда ва амсоли инҳо ҷолиби диққат буда, ҳамасола дар ин раванд маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмӣ ба нашр мерасанд.

## НАҚШАИ
**Мавзуъҳои семинари илмии доимоамалкунандаи кафедраҳо  дар соли 2025**

| № | Номи мавзуъҳо | Макони баргузорӣ | Вақти баргузорӣ | Масъул | Иҷроиш |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Кафедраи филологияи араб** | | | | |
| 1. | Мактабҳои арабшиносӣ дар Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият | 410 | 28.01.2025 | д.и.ф., профессор Сулаймонов С. | |
| 2. | Таъсири мутақобалаи адабиёти араб ва форсу тоҷик | 410 | 28.02.2025 | д.и.ф., профессор Раҷабова М.Т. | |
| 3. | Ҳамкориҳои илмию фарҳангии Тоҷикистон бо  Арабистони Саудӣ дар даврони Истиқлолият | 410 | 28.03.2025 | д.и.ф., профессор Исмонов К.Б. | |
| 4. | Муарработи форсӣ-тоҷикӣ дар забони арабӣ | 410 | 25.04.2025 | н.и.ф., дотсент Саломов А.Ҷ. | |
| 5. | Адабиёти навини араб ва давраҳои рушду таҳаввули он | 410 | 23.05.2025 | н.и.ф., дотсент Шодиев М. | |
| 6. | Корбурди зарбулмасалҳои арабӣ дар “Бустон”-и Саъдии Шерозӣ | 410 | 26.09.2025 | м/к., Латипов М. | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 7. | Назаре ба ҳамкориҳои илмию фарҳангии Тоҷикистон бо кишвари Ҳиндустон | 410 | 24.10.2025 | н.и.ф., дотсент Илёсов Ф.Б. | |
| 8. | Вожаҳои арабӣ дар ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ | 410 | 21.11.2025 | н.и.ф., дотсент Каримова Д. | |
| 9. | Мактабҳои забоншиносии араб дар Бағдод дар асрҳои миёна | 410 | 19.12.2025 | Ассистент Аминов Ҷ. | |
| | **Кафедраи филологияи Эрон** | | | | |
| 10 | Масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ дар шеъри Ҳушанг Ибтиҳоҷи Соя | 427 | 31.01.2025 | н.и.ф., дотсент Қосимов Ҷ.С. | |
| 11 | Заминаҳои адабӣ-эстетикӣ ва фикрии шеъри форсии асри XX | 427 | 25.02.2025 | д.и.ф., профессор Сафаров У.Р. | |
| 12 | Масоили лингвистии номвожаҳои таърихӣ | 427 | 25.04.2025 | д.и.ф., профессор Шодиев Р.А. | |
| 13 | Пешвои миллат ва рушди забони давлатӣ | 427 | 23.05.2025 | н.и.ф., дотсент У. Сулаймонӣ | |
| 14 | Сарчашмаҳо ва тазкираҳои адабӣ | 427 | 26.09.2025 | н.и.ф., дотсент Ҷобиров Д.Ю. | |
| 15 | Корбурди истилоҳоти варзишӣ дар забони форсӣ ва тоҷикӣ | 427 | 24.10.2025 | н.и.ф., дотсент Муҳаббатзода А. | |
| 16 | Нақши Байҳақӣ дар рушди забон ва адаби форсӣ | 427 | 21.11.2025 | н.и.ф., дотсент Абдулҳадов Ҷ.З. | |
| 17 | Хонавода дар насри муосири тоҷик | 427 | 19.12.2025 | н.и.ф., дотсент Тоҳирзода С.Т. | |
| | **Кафедраи филологияи Ҳинд** | | | | |
| 18 | Заминаҳои пайдоиши ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон | 442 | 24.01.2025 | д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. | |
| 19 | Мамта Калия ва романи ӯ “Зулм бар болои зулм” | 442 | 21.02.2025 | н.и.ф., дотсент Раҳматуллоева З.А. | |
| 20 | Таҳаввули бадеӣ-мавзуъии жанри ҳикояи ҳиндӣ дардаҳсолаҳоии аввали асри XXI | 442 | 14.03.2025 | н.и.ф., дотсент Латифов А.Д. | |
| 21 | Рушди адабиёти урду дар асри XXI | 442 | 25.04.2025 | м/к., Амиршоева М. | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 22 | Премчанд – устоди романи ҳиндӣ | 442 | 23.05.2025 | м/к., Ёрова С.Н. | |
| 23 | Заминаҳои пайдоиши ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон | 442 | 20.09.2025 | д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. | |
| 24 | Масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Урмила Шириш | 442 | 28.10.2026 | н.и.ф., дотсент Раҳматуллоева З.А. | |
| 25 | Занҳои насрнависи адабиёти урду | 442 | 26.11.2026 | м/к.,Амиршоева М. | |
| 26 | Рамеш Синҳ Матиянӣ ва саҳми ӯ дар адабиёти муосири ҳиндӣ | 442 | 15.12.2025 | м/к., Ёрова С.Н. | |
| | **Кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ** | | | | |
| 27 | Тарҷуманопазирӣ ва мушкилоти тарҷума | 431 | 13.01.2025 | д.и.ф., профессор Мамадназаров А. | |
| 28 | Вижагиҳои воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикию англисӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо | 431 | 14.02.2025 | н.и.ф., дотсент Наврузшоев Б. | |
| 29 | Хусусиятҳои матнҳои услуби расмии коргузорӣ (дипломатӣ) ва вижагиҳои тарҷумаи онҳо | 431 | 06.03.2025 | н.и.ф., дотсент Абдулфайзов С. | |
| 30 | Махсусиятҳои истилоҳотӣ демографӣ дар забонҳои тоҷикию англисӣ ва роҳҳои муносиби тарҷумаи онҳо | 431 | 10.04.2025 | н.и.ф., дотсент Собирова У. | |
| 31 | Хусусиятҳои омонимҳои байнизабонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ | 431 | 15.05.2025 | н.и.ф., дотсент Дадаҷонова И. | |
| 32 | Фаъолияти адабии Ҷефри Ҷоссер | 431 | 12.09.2025 | н.и.ф., дотсент Абдулфайзов С. | |
| 33 | Роҳҳои тарҷумаи воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикию англисӣ | 431 | 22.10.2025 | н.и.ф., дотсент Наврузшоев Б. | |
| 34 | Тафовути герунд аз сифати феълии замони ҳозира дар забони англисӣ | 431 | 14.11.2025 | н.и.ф., дотсент Собирова У. | |
| 35 | Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ | 431 | 17.12.2025 | н.и.ф., м/к Назарова М. | |
| | **Кафедраи забонҳои хориҷӣ** | | | | |
| 36 | Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти адабиётшинос Шокир Мухтор. | 332 | 28.02.2025 | н.и.ф., дотсент | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Маҳмудов Д.О. | |
| 37 | С. Айнӣ ва «Марги судхӯр»-и ӯ. Роҷеъ ба тарҷумаи фаронсавӣ ва олмонии он. | 332 | 25.04.2025 | н.и.ф., дотсент Ҷумаев Т. | |
| 38 | Роҳҳои воридшавии калимаҳои иқтибосӣ ба забони олмонӣ ба забони олмонӣ. | 332 | 26.10.2025 | н.и.ф., дотсент Замонов З. | |
| 39 | Тарҷума ва мушкилоти он дар рафти тарҷума | 332 | 25.12.2025 | н.и.ф., дотсент Ҷумаев Т. | |

**Гузориши маҳфили илмии инфиродии профессор Сулаймонов С. таҳти унвони «Забоншинос» дар соли 2025**

Қобили тазаккур аст, ки дар соли 2025 аз ҷониби профессори кафедра Сулаймонов С. ҳашт маҳфили илмии инфиродӣ гузаронида шуд, ки дар он устодону унвонҷӯён магистрантону доктор PHD ва донишҷӯён фаъолона ширкат менамуданд. Дар маҳфили якум, ки "Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ" унвон дошта, санаи 21.02.2025 баргузор гардид, профессор Сулаймонов С. перомуни таърихи ташаккулу таҳаввули лаҳҷаҳои арабӣ ҳарф зада, ҳамзамон роҷеъ ба мавқеи лаҳҷаҳои арабӣ дар даврони муосир изҳори назар намуд.

**Маҳфили дуюм** бо номи "Заминаҳои рушду таҳаввули фарҳангҳои сезабона дар замони муосир", ки дар таърихи 28.03.2025 ҷараён гирифт, бо иштироки фаъолонаи аҳли кафедра ва донишҷӯён доир гардид, масъалаи арзишу аҳаммияти фарҳангҳои сезабона дар замони муосир аз ҷониби профессор Сулаймонов С. баррасӣ карда шуд. Дар поёни сухани маърузакунанда донишҷӯён саволҳои хешро ироа намуданд ва ба онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда гирифтанд.

**Маҳфили сеюм** мавсум ба "Шарҳи муарработи форсӣ-тоҷикӣ дар «Фарҳанги шомили алифбоии арабӣ–тоҷикӣ–русӣ (зиёда аз 120 000 калима)»" дар санаи 25.04.2025 баргузор шуд. Бояд қайд намуд, ки ин фарҳангнома на танҳо дар арабшиносии тоҷик, балки дар ховаршиносии рус низ ҳамто надорад. Муаллиф бевосита дар хусуси аҳаммияти илмии ин қомуснома дар илми забоншиносии арабӣ-тоҷикӣ-русӣ ва муҷаллади аввали он суҳбат намуд. Устодону донишҷӯён аз бисёр нозукиҳои масъалаи мавриди назар аз наздик ошно гаштанд ва аз аҳаммияти шарҳи муарработи форсӣ-тоҷикӣ дар луғатномаи мазкур огоҳии комил пайдо карданд.

**Маҳфили чорум** таҳти унвони "Услуби нигориши ҷилди дуюми «Фарҳанги шомили алифбоии арабӣ–тоҷикӣ–русӣ (зиёда аз 120 000 калима)»" дар таърихи 23.05.2025 сурат гирифта, муаллиф дар робита ба шеваи нигориши муҷаллади дуюми фарҳанги номбурда сухан намуд. Ҷойи тазаккур аст, ки услуби таълифи фарҳангномаи профессор Сулаймонов С. вижагии хосси худро дошта, муаллиф аз таърихи гирдоварӣ ва услуби дар тадвини инқисмати луғатнома истифоданамудаи худ ибрози назар намуд.

**Маҳфили панҷум** бо номи "Шеваи нигориши ҷилди сеюми «Фарҳанги шомили алифбоии арабӣ–тоҷикӣ–русӣ (зиёда аз 120 000 калима)»", ки санаи 26.09.2025 ҷараён гирифт, оид ба аҳаммияти муҷаллади сеюми фарҳангнома баҳс доир гардид. Профессор Сулаймонов С. батафсил роҷеъ ба ин масъала аз таҷрибаи худ ҳарф зада, бисёр луғатномаҳоро ба ҳам муқоиса намуд ва услуби нигориши онҳоро баён дошт.

**Маҳфили шашум** мавсум ба "Услуби шарҳу тавзеҳи вожаҳо дар ҷилди чоруми «Фарҳанги шомили алифбоии арабӣ–тоҷикӣ–русӣ (зиёда аз 120 000 калима)»" дар таърихи 24.10.2025 сурат гирифта, профессор Сулаймонов С. аз таърихи ҷамъоварии маводи муҷаллади чоруми луғатномаи худ ва мураттаб сохтани он, меҳнати сангини соҳаи луғатнигорӣ ҳарф зад.профессор Сулаймонов С. аз ҷойгоҳи илмии ҷилди шашуми «Фарҳанги шомили алифбоии арабӣ–тоҷикӣ–русӣ (зиёда аз 120 000 калима)» андешаронӣ намуда, ҳамзамон масъалаҳои зимни тадвини муҷаллади охирони фарҳангнома пешомадаро шарҳу тавзеҳ дод. Тазаккур гардид, ки фарҳангнома, дар маҷмуъ, аз арзиши баланд бархурдор буда, заҳмати

бисёрсолаи профессор Сулаймонов С. имконият фароҳам меорад, ки мутахассисони соҳа аз он ба таври фаровон истифода намоянд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки ҳамаи маҳфилҳои илмии профессор Сулаймонов С. дар давоми сол бо иштироки шумораи зиёди устодону унвонҷӯён магистрантону доктор PHD ва донишҷӯён дар сатҳи баланд гузаронида шуданд.

**Мудири кафедра профессор, Раҷабова М.Т.**

**Гузориш оид ба гузаронидани семинари доимоамалкунандаи кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ дар моҳи октябри соли 2025**

Санаи 22.10.2025 дар кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ аз ҷониби дотсенти кафедра дар мавзуи «Роҳҳои тарҷумаи воҳидҳои фразелогии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» семинари илмӣ баргузор гардид, ки дар он устодони кафедра, аз ҷумла, дотсентон – Абдулфайзов С., Собирова У., Дададжанова И., муаллимони калон Назарова М., Диёров Ш., ва ассистентон – Ҳакимова С., Холова М., Маликова У., Маҳмудзода М. иштирок доштанд. Дар семинари мазкур Наврузшоев Б. оид ба роҳҳои тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ дар ҷараёни дарсҳои амалӣ, ки мушкилоти зиёд пеш меоранд, маърӯзаи пурмухтаво намуд.

Фразеологизмҳо қисми муҳими забон ҳастанд ва маънояшон аз калимаҳои таркибиашон фарқ мекунад. Мушкилоти тарҷума аз фарқиятҳои фарҳангӣ, тасвир ва идиоматикӣ буданашон сарчашма мегирад. Роҳҳои асосии тарҷума эквивалентӣ, аналогӣ, тавсифӣ ва калка мебошанд. Тарҷумаи фразеологизмҳо дониши амиқи забонӣ ва фарҳангиро талаб мекунад.

Пас аз анҷоми маъруза, ки ҳам барои устодон ва ҳам барои донишҷӯён муфид аст, бахсу муҳокима дар атрофи мавзуъ баргузор гардид. Устодони кафедра дар ҳамоҳангӣ бо маърузачӣ роҳҳои муносиби тарҷумаи онҳоро пешниҳод карданд.

**Мудири кафедра дотс. Наврӯзшоев Б.**

**Гузориш оид ба гузаронидани семинарҳои доимоамалкунандаи кафедраи филологияи Ҳиндӣ дар соли 2025**

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2025 аз моҳи январ то моҳи октябр ҳафт семинар аз ҷониби устодони кафедра дар мавзуъҳои зерин гузаронида шуд:

**Семинари якум** – Дар таърихи 31.01.2025 профессори кафедраи филологияи Ҳинд Раҷабов Ҳабибулло мувофиқи нақша дар мавзуи “Заминаҳои пайдоиши ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон” семинар гузарониданд, ки дар он ҳайати устодону корманд вадонишҷӯёни курсҳои 4-5-и шуъбаи ҳиндӣ ва урдуи кафедра иштирок намуданд.

Устод Ҳ. Раҷабов аз заминаҳои аввалини соҳаи ҳиндшиносӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ва Тоҷикистони шуравӣ суханро оғоз карда, аз маваффақиятҳои соҳаи ҳиндшиносиро дар дарони соҳибистиқлолии Тоҷикистон низ ёддовар шуданд.

Саҳми назарраси доштани як қатор олимону донишмандонро дар ташаккулу ишкишоф ва тавсеаи соҳаи ҳиндшиносӣ қайд намуданд. Мавсуф таъкид доштанд, ки хидматҳои донишмандону адибони маъруфи тоҷик С. Айнӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Ғафуров, А. Мирзоев ва М. Осимӣ дар таҳкими равобити Тоҷикистону Ҳиндустон дар доираи сиёсати муносибатҳои Иттиҳоди Шуравӣ басо бузург аст. Устод Мирзо Турсунзода солҳои 1947-1948 силсилаи ашъори "Қиссаи Ҳиндутон"-ро офарид.

Робитаҳо миёни Тоҷикистону Ҳиндустон мустаҳкам гардида, соли 1980 дар факултети Шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон шуъбаҳои забону адабиёти ҳиндӣва урду ташкил ёфта, соли 1983 кафедра кушода шуд.

Бо ба истиқлол расидани Тоҷикистон сафоратхонаҳо дар ҳарду кишвар – Тоҷикистону Ҳиндустон кушода шуд, ки ин ба боз ҳам мустаҳкам гардидани муносибатҳои фарҳангиву илмӣ ва густариши соҳаи ҳиндшиносӣ мусоидат кард.

Дар фароварди сухан устод Раҷабов Ҳ. Ҳаминро зикр карданд, ки имрӯҳо хушбахтона шумораи зиёди донишомӯзони ҳам тоҷик ва ҳам ҳиндӣ бе мамонияд дар муассисаҳои таълимии ҳар ду кишвар таҳсил мекунанд.

**Семинари дуюм**, ки тибқи нақша ба таърихи 28.02.2025 рост омада буд, - Мамта Калия ва романи ӯ "Зулм бар болои зулм" мебошад. Ин семинарро н.и.ф., дотсенти кафедраи филологияи Ҳинд Раҳматуллоева З.А. дар курсҳои 3 ва 4-уми шуъбаи ҳиндӣва урду гузаронид.

Дотсент Раҳматуллоева З. Дар баромади худ роҷеъ ба мавзӯи роман - масоили хонаводагӣ, муносибати зану мард сухан ронда, онро яке аз романҳои машҳури Мамта Калия ҳисобид. Раҳматуллоева З. Зикр кард, ки Мамта Калидяке аз зан-нависандагони маъруфу номвари адабиёти муосири ҳиндӣ ба ҳисоб меравад. Нависанда Мамта дар баробари эҷоди ҳикоя дар офаридани жанри калонҳаҷм-роман дасти боло дошта, ҳамчун романнавис ҳам дар ҷомеаи адабии ҳинд ном баровардааст. Романи "Зулм бар болои зулм", ки мавзуи семинари муаллима интихоб гардида буд, фарогири масоили иҷтимоии ҷомеаи имрӯзаи Ҳиндустон мебошад. Дар он нависанда дар симои қаҳрамонони гуногун мушкилоти рӯзгори мардумро ба риштаи тасвир кашидааст.

Муаллима далелу истноди худро аз роман бо забони асл-ҳиндӣ ба ҳозирин пешкаш карданд. Атрофи мавзуи мазкур баҳсу мунозира ва саволу ҷавоб сурат гирифт. Дотсент Раҳматуллоева З. мавзуи интихобнамудаашро хуб таҳлилу баррасӣ намуда, ба шунавандагон бо маҳорати баланд ҳадафи худро расонид. Аз ҷониби устодону шогирдон саволҳо пурсида шуд, ки ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

**Семинари сеюм** – "Таҳаввули бадеӣ-мавзуии жанри ҳикояи ҳиндӣ дар даҳсолаҳои аввали асри XXI" унвон гирифта буд, ки ба таърихи 28.03.2025 рост омада аз ҷониби– н.и.ф., дотсент Латифӣ А.Д. гузаронида шуд. Дар ин семинар атрофи таҳаввулу ташаккули жанри ҳикояи ҳиндӣ дар асри 21 сухан рафта, зикр карда шуд, ки ҳикояҳои ҳиндӣ дар асри бисту як дар ҳаёти муосир ва фарҳанги адабӣ паҳн шудаанд. Онҳо инчунин ҳамчун сарчашмаи эҳсосоти бениҳоят пурқувват ва бисёрҷанба маълуманд. Дар онхо зиддиятҳо ва проблемаҳое, ки аз арзишҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва шахсии хоси ҳаёти инсон бармеоянд, ба таври ҳақиққӣ тасвир карда шудаанд. Дар ҳикояи ҳиндии асри 21 ҳодисаҳои ба ҳам зид, зарбаҳои ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт, алам ва тарси ҷавонони бекор, канда шудани муносибатҳои

одамон дар тамаддуни ҷаҳонишавӣ равшан инъикос ёфтаанд. Тахайюли аҷоиби достоннависони ин давру замон, ғаризаҳои амиқи инсонпарварӣ ва фаъолияти гуногунҷабҳаи доираи зеҳнии онҳо дар қиссаҳои онҳо инъикос ёфтааст. Онҳо кушиш кардаанд, ки моҳияти замонро дарбар гиранд.

Инчуни қайд карда шуд, ки ба саҳнаи адабии адабиёти ҳиндӣ дар асри 21 як қатор ҳикоянависони бомаҳорат қадам гузоштаанд, ки дар ҳикояҳои сершумори худ дунёи ҷомеаи муосири ҳиндиро дар баробари раванди ҷаҳонишавии бошиддат ба риштаи тасвир кашидаанд. Дар байни ҳикоянависони асри 21 номҳои Шри Лал Шукла, Хушвант Сингҳ, Раҷендра Ядав, Кашинат Сингҳ, Амрита Притам, Алка Синҳа ва аз пурбортарин ҳикоянависон мебошанд.

Умуман, ҳикояи асри 21 имрӯз ба авҷи худ расидааст, аз замони пайдоишаш марҳалаҳои мухталифро паси сар карда, бо мубориза ва ҳаракатҳои мухталиф рӯбарӯ шудааст. Ҳар як гардиш, мубориза ва ҳаракат танҳо арзиши ҳикояи ҳиндиро баланд мебардорад, онро ба мақсад наздик мекунад. Ин ҳикояҳо дар руҳи ботинии хонандагон ҳисси беҳамтои шодию сурурро бедор карда, дар баробари ин онҳоро бо диди нави зиндагӣ ошно менамуданд.

Дар охир байни дотсент Латифӣ А.Д. – роҳбари семинар ва шунавандагон – устодону донишҷӯён баҳсу мунозира атрофи мавзуи мавриди назар сурат гирифт.

**Семинари чорум – “**Рушди адабиёти урду дар асри XXI” унвон дошта аз рӯйи нақша ба санаи 25.04.2025 рост омада буд ва роҳбарии онро муаллими калон Амиршоева М.П. ба уҳда дошт. Дар семинар мавзуи мазкур аз ҷониби Амиршоева М.П. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Зикр рафт, ки Тавре ки аз осори таҳқиқии муҳаққиқони адабиёти Ҳинду Покистон бармеояд, шурӯъ аз солҳои поёнии қарни XIX ба баъд дар адабиёти мардуми Покистон як давраи тозае дар иртибот бо таҷдиду бозсозии адабиёт оғоз гардид. Ба дигар сухан як давраи гузариш ба марҳилаи нав шурӯъ мешавад, ки тамоми садҳову монеаҳои мавҷуди аз асрҳои миёна ба меросмондаро бартараф намояд ва роҳро барои пешрафту тараққии борвар, бо пайравӣ ва таъсирпазирӣ аз адабиёти миллатҳои пешрафта ҳамвор месозад.

Дар нахустин даҳсолаи қарни XXI дар адабиёти урду як навъ дуршавӣ, канорагузории қонунҳову низоми расмиятёфтаи асримиёнагӣ оғоз мегардад. Ҷараёнҳои наве ба зуҳур мерасанд, ки мақсади аслиашон инъикоси воқеияти айнӣ, тасвири ҳақиқатнигоронаи ҳаёт аст. Дар таҳкиму устувор гаштани ин ҷараёнҳо албатта вазъи сиёсии мамлакат ва падидаҳое, ки дар чаҳорчӯби он ба вуқӯъ мепайвастанд таъсири калон доштанд.

Пас аз дастёбӣ ба истиқлолият рушду камоли ҳикоя маҳз ба ҳикоянависони тарққипарвар вобаста буд. Онҳо бо ақидаҳои пешқадами худ талош менамуданд дар адабиёт, андешаҳои мардумдӯстиву ватанпарварӣ доштаро инкишоф диҳанд.

**Семинари панҷум** – “Премчанд – устоди романи ҳиндӣ” мебошад, ки роҳбарии онро н.и.ф., муаллими калон Ёрова С.Н. ба уҳда дошт. Дар семинар атрофи зиндагиву осор ва ҳунари романнависии Асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ Премчанд сухан рафта, қайд карда шуд, ки номи аслиаш Дҳанпатрай мебошад, рӯзи сешанбе, 10 савани соли 1937 мувофиқи эраи Викрамадитя, ки ба шанбе 31 июли соли 1880 эраи нав рост меояд, дар деҳаи Ламҳӣ, ки дар наздикии шаҳри Банорас воқеъ аст, дар оилаи корманди почта ба дунё омадааст.

Премчанд чи тавре ки ҳокими мутлақи роман адабиёти муосири ҳиндӣ гашт, ҳамон тавр ин мутлақиятро дар ҳикоянависӣ низ соҳиб шуд. Ҷой ва мақоми ӯ дар таърихи ҳикоянависӣ такрорнашаванда мебошад.

Ҳамин тариқ, зикр рафт, ки Премчанд на камтар аз 250 ҳикоя ва на камтар аз 14 роман эҷод кардааст, аз ҷумла: **«Паноҳгоҳ», «Манзилгоҳи муҳаббат», «Саҳна», «Бозгашти ҷавонӣ», «Туҳфа», «Нирмала», «Камомад», «Майдони ҳарбу зарб», «Говсадақакунӣ», «Риштаи муҳаббат», «Маликаи ғазаболуд», «Према», «Қасам» ва «Асрори ибодатхонаҳо».** Азбаски баъзе асарҳои (романҳои) Премчанд ҳагоми тарҷума аз урду ба ҳиндӣ ва ё такроран нашр шуданашон номҳои дигар гирифтаанд, ин боиси ғалат нишон додани шумораи романҳои адиб гаштааст. Чор асари дигар «Интизорӣ» («Praniksha»), «Кришна» («Krishna»), «Бева» («Beva») ва «Дургадас» («Durgadas»), ки дар баъзе сарчашмаҳо чун романҳои Премчанд зикр шудаанд, ба мо дастрас нашуданд ва мо гуфта наметавонем, ки онҳо асарҳои ҷудогонаанд, ё ягон варианти дигар романҳои ба мо маълуми адибанд.

Пас аз Премчанд анъанаи романнависиро чунин пайравони ӯ ба мисли Яшпал Синҳ (1903-1976), Упендранатҳ Ашк (1910-1996), Бҳишма Саҳнӣ (1915 2003), Амритрай (1921-1996), Пҳнишварнатҳ Рену (1921-1977), Амритлал Нагар (1916-1990) ва дигар адибон идома додаанд. Дар даврони истиқлол, яъне пас аз соли 1947 боз насли дигари адибон, аз ҷумла Моҳан Ракеш (1925-1972), Раҷендра Ядав (1929-2013), Камлешвар (1932-2007), Шанӣ (1935-1995), Мридула Гарг (тав. 1938), Меҳрунисо Парвез (тав.1944), Носира Шарма (тав. 1948), Абдул Бисмиллоҳ (тав. 1949) ва ғайраҳо ин анъанаро идома дода истодаанд. Инро низ бояд таъкид намоем, ки романҳои пас аз солҳои 70-уми асри гузашта иншо шуда он қадар ҳаҷми калон надоранд. Ин гуна ҳаҷм гирифтани романҳои даҳсолаҳои охир шояд вобаста ба талабот ва завқи хонандаи имрӯз бошад.

**Семинари шашум** – “Масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Урмила Шириш” мебошад, ки ба санаи 28.10.2025 рост омадааст ва роҳбарии онро дотсент Раҳматуллоева бар душ дошт. Дар семинар атрофи мазмуну муҳтавои ҳикояҳои ҳикоянависи адабиёти муосири ҳиндӣ Урмила Шириш (1959) сухан рафта, дотсент раҳмутуллоева З.А. зикр карда, ки дар ҳикояҳои навиштаи Урмила Шириш тамоми ҷанбаҳои ҷомеа ба назар гирифта шудааст. Дар баъзе ҷойҳо мушкилоти гуногуне, ки байни наслҳо ба миён меоянд, дар баъзе ҷойҳо муҳаббати зану мард ва дар баъзе ҷойҳо паҳлӯҳои дугонаи зиндагии заношӯӣ тасвир шудаанд. Муҳити шаҳрии Урмила Ҷи, табақаи миёнаҳои муборизабаранда дар он, шаклҳои гуногуни ранҷу азоби зани табақаи миёна ҷанбаҳои мухталифи навиштаи ӯ мебошанд. Шӯҳрат ва аҳамияти Урмила ҳамчун ҳикояи феминистӣ раднопазир аст. Тавассути қиссаҳои мухталиф ақлу рӯзгор, ҳассосият ва мушкилоти мухталифи занони табақаи поён, миёна ва болоро аз дидгоҳҳои мухталиф ба мо пешкаш кардааст ва ҳамчунин мехоҳад сохтори тамоми ҷомеаро тағйир диҳад. Бо гирифтани маълумот дар бораи ҳаёти чунин адиби пуркор осори ӯро хуб дарк кардан мумкин аст. Дотсент Раҳматуллоева З. барои исботи гуфтаҳо намунае чанд аз мутуни ҳикояҳои Урмила Ширишро ба ҳозирин пешкаш кард.

Ҳамин тавр, семинарҳо бо иштироки устодону донишҷӯён ва унвонҷӯёни кафедра баргузор карда шуданд.

**Мудири кафедра, дотсент Латифӣ А.Д.**

**Гузориш оид ба гузаронидани семинарҳои доимоамалкунандаи кафедраи филологияи Эрон дар соли 2025**

Бояд зикр намуд, ки дар соли 2025 аз моҳи январ то моҳи октябр ҳафт семинар аз ҷониби устодони кафедра дар мавзуъҳои зерин гузаронида шуд:

**Семинари якум** – Дар таърихи 31.01.2025 дотсент, мудири кафедраи филологияи Эрон Қосимов Ҷ.С. мувофиқи нақша дар мавзуи "Масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ дар шеъри Ҳушанг Ибтиҳоҷи Соя" семинар гузарониданд, ки дар он ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни бахши ва пашту иштирок намуданд.

Устод Қосимов Ҷ.С. аз зуҳури масоили мазкур дар адабиёти ҷаҳон ва пайдоиши он дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ суханро оғоз карда, вижагиҳои чунин ашъорро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.

Ишора карданд, ки чунин ашъор дар бедории мардум ва пешрафти ҷомеаи демократӣ нақши назаррас дорад ва ҳифзу баррасии ин навъи ашъор ба хонанда ангезаи навро эҷод мекунанд, то битавонад ба хостаҳои худ бирасад.

Дар охирсухан устоди мазкур ишора карданд, ки ҷомеаи адабиро мебояд, ки чунин навъи шеърро сармашқи кори эҷодии хеш намоянд, то битавонанд дар бедории мардум барои ободонии сарзамини модарии хеш саҳмгузор бошанд.

**Семинари дуюм**, ки тибқи нақша ба таърихи 28.02.2025 рост омада буд, - "Заминаҳои адабӣ-эстетикӣ ва фикрии шеъри форсии асри ХХ" унвон дошт. Масъули баргузоркунии семинари мазкур д.и.ф., профессор Сафаров У.Р. маҳсуб мешуд.

Профессор Сафаров У.Р. дар суханронии хеш роҷеъ ба заминаҳои адабӣ-эстетикӣ ва фикрии шеъри форсии асри ХХ сухан гуфта, таваҷҷуҳи ҳозиринро ба масоили мазкур ҷалб намуданд.

Дар рафти семинар миёни устоди барандаи семинар ва иштироккунандагон баҳсу баррасиҳои пурарзиш ва мубрам ба миён омад, ки семинарро шавқовару арзишмандтар нишон медод.

Устоди барандаи семинар бо овардани мушахсассоту далоили арзанда дар бораи мавзуи мазкур моҳирона корро то ба охир бурданд, ки дар натиҷа, миёни ҳозирин пурсишу посух атрофи мавзуъ ба амал омад, ки шавқовар буд.

Мазкур мавзуи пешниҳоднамудаашро хуб таҳлилу баррасӣ намуда, ба шунавандагон бо маҳорати баланд ҳадафи худро расонид.

Аз ҷониби устодону шогирдон саволҳо дода шуд, ки ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

**Семинари сеюм** – "Таҳаввули ғазал аз лиҳози муҳтаво дар ибтидои асри ХХ" унвон гирифта буд, ки ба таърихи 28.03.2025 рост омада аз ҷониби– д.и.ф., профессор Расулзода А.Б. гузаронида шуд. Дар ин семинар атрофи таҳаввулу ташаккули жанри ғазал дар асри ХХ сухан дар миён буд, ишора шуд, ки жанри мазкур ҳамеша дар ҳоли рушду таҳаввул қарор дошт, вале аз лиҳози муҳтавову маънӣ ва ҳамзамон аз лиҳози мавзуӣ ҷомаи нав ба бар кард. Шоирон то ҷое муваффақ шуданд, ки ғазали муосирро дар қолаби пешин биофаранд.

Дар рафти семинар баҳсу манозара ба вуқуъ пайваст, ки дар натиҷаи табодули андеша хулосаҳои ниҳоӣ бароварда шуд. Маълум гардид, ки ғазали қарни ХХ дар қолаби шеъри суннатӣ офарида шуда, танҳо аз лиҳози мавзуъ ва муҳтаво дорои вижагиҳои муосир аст.

**Семинари чорум – "**Масоили лингвистии номвожаҳои таърихӣ" унвон дошта, аз рӯйи нақша ба санаи 25.04.2025 рост омада буд ва роҳбарии онро д.и.ф., профессор Шодиев Р.А. ба уҳда дошт. Дар семинар мавзуи мазкур аз ҷониби Шодиев Р.А. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Ишора шуд, ки тамоми забонҳои дунё чунин масоилро дар таркиби худ омезиш медиҳанд. Мавзуи

баррасишаванда таърихи густурда дорад, вале дар замони имрӯз таваҷҷуҳи муҳаққиқону донишмандони риштаи забоншиносиро ба худ бештар ҷалб кардааст. Аз гуфтаи барандаи семинар маълум гардид, ки номвожаҳои таърихӣ дар тамоми манотиқи Тоҷикистон мавҷуд буда, вобаста ба мавзуъ ва муҳтаво аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор мегиранд. Ҳамин тавр бо овардани чандин номвожаҳои таърихӣ шунавандагонро ҷалб намуда, аз эшон даъват карданд, ки ба ин масъала ҳамвора мутаваҷҷеҳ бошанд.

Дар ниҳоят пурсишу посух байни тарафайн ба амал омад, ки тамоми ҳозирин аз умқи масъала бархурдор шуданд.

**Семинари панҷум** – "Пешвои миллат ва рушди забони давлатӣ" мебошад, ки роҳбарии онро н.и.ф., дотсент У. Сулаймонӣ ба душ дошт. Дар семинар роҷеъ ба нақши Пешвои миллат дар рушди забони давлатӣ сухан рафта, зикр гардид, ки дар тули солҳои истиқлолият забони давлатӣ рушду камол ёфт ва меъёрҳои муайяне дар самти дастури хат ба вуҷуд омад, ки нақши эшон назаррас аст. Устод ишора карданд, ки китоби таълифнамудаи Пешвои миллат таҳти унвони "Забони миллат-ҳастии миллат" яке аз осори мондагори таърихи забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад ва дар шинохти забони миллӣ барои имрӯзиёну ояндагон хадамоти арзандаеро пешкаш менамояд.

Дар идома ишора шуд, ки китоби мазкур дорои бахшҳои мухталиф аст ва метавонад, ниёзҳои забоншиносонро дар ҳар давру замоне бароварда гардонад.

Ҳамин тариқ дар охири семинар баҳсу мунозира ва саволу ҷавоб миёни иштироккунандагон ба амал омад, ки фарогири мавзуоти монанди Пешвои миллат ва забони адабӣ, нақши ӯ дар рушди забони адабии муосир, нақши олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар рушди забони миллӣ ва ғайра буданд.

**Семинари шашум** – "Сарчашмаҳо ва тазкираҳои адабӣ" мебошад, ки ба санаи 26.09.2025 рост омадааст ва роҳбарии онро дотсент Ҷобиров Д.Ю. бар душ дошт. Дар семинари мазкур роҷеъ ба нақши сарчашмаҳо ва тазкираҳои адабӣ дар ёддошти шеъру зиндагии шоирон сухан дар миён буд. Саравал намунаи зиёде аз сарчашмаҳову тазкираҳои муҳимми адабиро номбар намуда, ишорае ба таърихи таълиф ва вижагиҳои онҳо карданд. Дар рафти семинар бархе аз сарчашмаҳову тазкираҳо мавриди муқоиса қарор гирифта, фарқияти миёни онҳо ташхис шуданд.

Ҳамзамон ишора шуд, ки таълифи тазкираҳои адабӣ, ки дар онҳо зиндагӣ ва осори шоирону адибон ба таври мушаххас оварда шудааст, дар шакли гуногун аст. Ҳамчунин давраҳои асосии таълифу таҳияи чунин осор мавриди арзёбӣ қарор гирифта, ба бахшбандии онҳо низ ишорае карданд.

Дотсент Ҷобиров Д.Ю. барои тасдиқи гуфтаҳои хеш намунае чанд аз сарчашмаҳову тазкираҳои адабиро ба ҳозирин пешкаш кард.

**Семинари ҳафтум** – "Корбурди истилоҳоти варзишӣ дар забони форсӣ ва тоҷикӣ" унвон гирифта, дар рӯзи 24.10.2025 баргузор гардид, ки дотсент Муҳаббатзода А. семинари мазкурро роҳбарӣ менамуд. Дар оғози семинар таъкид шуд, ки мавзуи мазкур яке аз мавзуоти мубрами забоншиносии муосири тоҷик маҳсуб меёбад, чаро ки дар натиҷаи рушди анвои гуногуни варзиш ин масъала яке аз масоили мубрами замон дониста шуд. Барандаи семинар ёдовар шуданд, ки дар нимаи дуюми қарни гузашта бисёре аз истилоҳоти варзишӣ аз забони русӣ гирифта шуда, мавриди истифода қарор мегирифтанд. Бо расидан ба истиқлолияти давлатӣ ва рушди соҳаи варзиш дар мамлакат ва ҳамзамон таъсиси шабакаҳои телевизионии дорои аҳаммияти варзишӣ, корбурди истилоҳоти варзишии забони бегона аз байн рафт ва ҷойи онҳоро истилоҳоти сирф форсӣ-тоҷикӣ гирифт. Ҳамчунин таъкид шуд, ки ин раванд дар

дигар кишварҳои ҳамзабон қаблан амалӣ гардида буд, вале ин падида дар мо нав ба чашм мерасад.

Бояд гуфт, ки дар семинар ба ҷуз баранда донишҷӯи соли панҷуми форсӣ-англисӣ Субҳонова Фариза дар мавзуи "Нақши забоншиносони тоҷик дар рушди истилоҳоти варзишӣ" суханронӣ намуда, ишора карданд, ки бисёре аз донишмандони риштаи забоншиносӣ роҷеъ ба масъалаи мазкур ишораҳои иҷмолӣ кардаанд, вале кори устоди Донишгоҳи миллӣ Муҳаббатзода А., ки ба мавзуи истилоҳоти варзишӣ бахшида шудааст, пурарзиш аст.

Ҳамин тавр семинари мазкур бо пурсишу посухи иштироккунандагон ва барандаи семинар ба охир расид.

Дар умум тамоми семинарҳо, ки фарогири самтҳои мухталафи забон ва адабиёти кишвари омӯхташаванда буданд, бо иштироки устодону донишҷӯён ва унвонҷӯёни кафедраи филологияи Эрон баргузор шуданд.

**Мудири кафедра, дотсент Қосимов Ҷ.С.**

## Гузориш
## Аз семинарии илмии доимамалкунандаи кафедраи забонҳои хориҷӣ

Рӯзи 24-уми октябри соли 2025 дар кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо семинари илмии «Ганҷи Сухан» бо иштироки омӯзгорони кафедра ва донишҷуён гузаронида шуд.

Дар ин семинар дотсент Д.О. Маҳмудов дар мавзуи «Доир ба тархумаи фаронсавии «Маснавии маънавӣ»-и Ҷ. Балхӣ» баромад намуд. Е ғайд намуд, ки мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ яке аз мутафаккирони бузург ва аҳли тасаввуфи адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад. Асарҳои эҷодкардаи ӯ бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума шудаанд. Дар Аврупо асари Балхӣ аввалин бор соли 1925 аз тарафи Р. А. Николсон ба забони англисӣ тарҷума шуд.

Аввалин шахсе, ки асарҳои Мавлоноро ба забони фаронсавӣ мавриди тарҷума ғарор дода буд, шарғшинос ва мутарҷими фаронсавӣ Ева де Витрей-Мейерович буд. Е соли 1909 дар яке аз музофотҳои Париж ба дунё омадааст.

Сабаби рӯ овардани Ева ба осори Румӣ дар чи буд? Е ба мағолаҳои Муҳаммадиғболи Лоҳурӣ, ки ба забони англисӣ буд, таваҷуҳ зоҳир менамояд ва дар дилаш нисбати дини ислом шӯъле пайдо мешавад. Ева мебинад, ки Иғбол бештар дар бораи Балхӣ-Румӣ бештар сухан гуфтааст ва ӯро пири худ шуморидааст. Ева де Витрей-Мейерович ба омӯзиши забонҳои форсӣ ва арабӣ шуруъ менамояд то ба осори ин марди бузург аз забони ошно шавад.

Маҳз осори Мавлоно Балхӣ-Румӣ сабаб шуд ва Ева де Витрей-Мейерович дар сини 58 солагӣ исломро пазируфт, ба зиёрати Маккаи мунаварра ноил гашт. Дар донишгоҳи Ал-Аҳзари Туркия муддати панҷ сол ба тадрис машғул буд.

Ева де Витрей-Мейерович асари «Маснавии маънавӣ»-ро (солҳои 1963-1990) комилан тарҷума намуд ва асару мағолаҳои зиёдеро дар бораи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ-Румӣ ба табъ расонид. Маҳз тавассути

тарҷумаҳои ӯ мардуми фаронсавизабон ба эҷодиёти ин шахси бузурги форсу тоҷики Мавлоно Балхӣ-Румӣ ошно гардид…

Дотсент Замонов З. доир ба мавзуъ саволҳои худро дар бораи тарҷумаи «Маснавии маънавӣ» пешниҳод намуда ҷавоби мушаххас гирифт. Дотсент Талабов Т. изҳор намуд, ки «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно ба забони олмонӣ ба таври комил тарҷума нашудааст.

Хулас маҳфил-семинар бо саволу иловаҳои устодон хеле шавғовар гузашт.

**Роҳбари семинар дотсент** **Д. Маҳмудов**

## ДАРСҲОИ КУШОД ДАР ФАКУЛТЕТ
**(дар соли 2025)**

Дарсҳои кушод низ як ҷузъи асосии фаъолияти илмии устодони факултет маҳсуб ёфта, мувофиқ ба нақшаи пешниҳоднамудаи мудирони кафедраҳо дар соли 2025, 30-адад дарси кушод қайд гардида, моҳе 1-маротиба баргузор мегардад, ки аз ин миқдор то инҷониб, 20-дарси кушод дар мавзуъҳои мухталифи соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва таъриху фарҳанги кишварҳои омӯхташаванда баргузор гардидааст. Аз ҷумлаи дарсҳои беҳтарин ва намуна дарси кушоди фарҳангӣ-адабӣ таҳти унвони "Вилям Шекспир — драматурги бузурги ҷаҳон" дар соли ҷорӣ бо ташаббуси дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ Дадаҷанова И.Б. ва бо иштироки донишҷӯёни курси сеюми ихтисосҳои ҳиндӣ, урду, пашту ва форсии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо баргузор гардидааст. Дар ҷараёни дарс донишҷӯён порчаҳо аз асарҳои машҳури драматург, аз ҷумла «Ҳамлет», «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷулетта» ва сонетаҳои ӯро қироат карданд.

Ҳамчунин, дар курси 4-уми ихтисоси ҳиндӣ-англисӣ аз ҷониби н.и.ф., дотсент Раҳматуллонва З.А., дарси кушод дар мавзуи “Андешаҳои олии ватанпарварӣ дар китоби “Тоҷикон дар ойинаи таърих”-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар баргузории он ҳайати садорати факултет ва устодон иштирок намуданд.

Мақсади асосии баргузории чунин дарсҳо бедор сохтани шавқу рағбати донишҷӯён ба адабиёти классикии ҷаҳонӣ, мусоидат ва муқоисаи он бо адабиёти тоҷик ва таҳкими донишҳои забономӯзии онҳо мебошад. Бинобар ин, садорати факултет баргузории дарсҳои кушодро ҳамчун як иқдоми муассир дар баланд бардоштани сатҳи таълим, густариши маҳорати забонӣ ва тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир арзёбӣ намудааст.

**Нақшаи дарсҳои кушод дар факултет дар соли 2025**

| № | Ному насаби устодон | Номи фанни таълимӣ | Курс | Ихтисос | Сана | Вақт |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Кафедраи филологияи араб** | | | | | |
| 1. | н.и.ф., дотс. Саломов А. | Лексикология | 2 | 23010201 - «арабӣ-англисӣ» | 19.02.2025 | $13^{00}$- $13^{50}$ |
| 2. | н.и.ф., дотс. Илёсов Ф. | Ҷуғроф. киш. араб | 1 | 23010201 - «арабӣ-англисӣ» | 04.03.2025 | $10^{00}$- $11^{50}$ |
| 3. | н.и.ф., м/к. Саидзода О. | Забони арабӣ | 1 | 23010201 - «арабӣ-англисӣ» | 3.04.2025 | $08^{00}$- $08^{50}$ |
| 4. | проф., Раҷабова М. | Забони арабӣ | 2 | 23010201 - «арабӣ-англисӣ» | 16.10.2025 | $13^{00-}$ $14^{50}$ |
| 5. | н.и.ф., дотс.Саломов А. | Морфология | 3 | 23010201 - «арабӣ-англисӣ» | 14.11.2025 | $10^{00}$ -$11^{50}$ |
| 6. | н.и.ф., дотс. Нуриддинова Ш. | Забони арабӣ | 3 | 23010201 - «арабӣ-англисӣ» | 17.12.2025 | $08^{00}$ -$11^{50}$ |
| | **Кафедраи филоогияи Эрон** | | | | | |
| 7. | дотс. Қосимов Ҷ.С. | Таърихи адабиёти Шарқ | 3 | 23010203+04 «форсӣ-англисӣ» | 22.02.2025 | с. 10:00-10:50 |
| 8. | дотс. Ҷобиров Д.Ю. | Таърихи шарқшиносӣ | 4 | 23010203+04 «форсӣ-англисӣ» | 13.03.2025 | с. 15:00-15:50 |
| 9. | м.к. Муминзода Р. | Забони форсӣ | 1 | 23010203 «форсӣ-англисӣ» | 15.04.2025 | с. 11:00-11:50 |
| | **Кафедраи филологияи Ҳинд** | | | | | |
| 10 | дотс. Латифов А. | Фолклори Ҳиндустон | 2 | ихт. 1023010206 «ҳиндӣ-англисӣ» | 29.03.2025 | с.13:00-13:50 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | дотс. Раҳматуллоева З. | Забони Ҳиндӣ | 4 | ихт. 1023010206 «ҳиндӣ-англисӣ» | 09.04.2025 | с.13:00-13:50 |
| 12 | проф. Раҷабов Ҳ. | Таърихи Шарқ | 4 | ихт. 1023010206 «ҳиндӣ-англисӣ» | 06.05.2025 | с.14:00-15:50 |
| 13 | дотс. Раҳматуллоева З. | Забони ҳиндӣ | 5 | ихт. 1023010206 «ҳиндӣ-англисӣ» | сентябр | с.08:00 |
| 14 | м/к Амиршоева М. | Забони урду | 5 | ихт. 1023010206 «ҳиндӣ-англисӣ» | октябр | с.12:00 |
| 15 | м/к Ёрова С. | Фарҳанги Ҳиндустон | 4 | ихт. 1023010206 «ҳиндӣ-англисӣ» | ноябр | с.14:00-15:50 |
| 16 | дотсент Латифӣ А. | Таърихи забон ҳиндӣ | 3 | ихт. 1023010206 «ҳиндӣ-англисӣ» | декабр | с.09:00 |
| | **Кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ** | | | | | |
| 17 | дотс.Абдулфайзов С. | Забони англисӣ | 1 | ихт. 21060101-забони англисӣ | 08.02.2025 | с.08:00 |
| 18 | дотс.Наврӯзшоев Б. | Таърихи тарҷумаи адабиёти форсу тоҷик | 3 | ихт. 21060101-англисӣ-тоҷикӣ | 15.03.2025 | с.12:00 |
| 19 | м/к Камолӣ Н. | Таърихи адабиёти Англия | 3 | ихт. 21060101-англисӣ-тоҷикӣ | 14.04.2025 | с.09:00 |
| 20 | проф. Мамадназаров А. | Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ | 1 | ихт. 21060101-забони англисӣ | 16.10.2025 | с.12:00-12:50 |
| 21 | асс. Холова М.А. | Забони англисӣ | 1 | ихт. 23010206-ҳиндӣ-англисӣ, 23010205-урду-англисӣ | 13.11.2025 | с.09:00-09:50 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 22 | н.и.ф. Алимов Ф.Х. | Забони англисӣ | 1 | ихт. 23010201-арабӣ-англисӣ | 10.12.2025 | с.09:00-09:50 |
| | **Кафедраи забонҳои хориҷӣ** | | | | | |
| 23 | дотс. Имомзода М. | Забони шарқ | 3 | ихт. англисӣ-хитоӣ | 20.02. 2025 | $12^{00}$ - $12^{50}$ |
| 24 | м/к. Иброҳимов З. | Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ | 1 | ихт. арабӣ-франсаввӣ | 13.03 .2025 | $13^{00}$ – $13^{50}$ |
| 25 | асс.Ғаниева М. | Забони шарқ | 1 | ихт. англисӣ-хитоӣ | 17.04.2025 | $12^{00}$ -$13^{00}$ |
| 26 | асс.Ғиёсзода С. | Забони хитоӣ | 3 | ихт. хитоӣ- точикӣ | 10. 05.2025 | $14^{00}$ - $14^{50}$ |
| 27 | дотс. Маҳмадов Ҷ. | Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ | 3 | ихт. фаронсавӣ-точикӣ | 12.09.2025 | $10^{00}$ - $10^{50}$ |
| 28 | дотс.Талабов Т. | Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ | 1 | ихт. англисӣ-хитоӣ | 20.10.2025 | $12^{00}$ - $12^{50}$ |
| 29 | асс.Ғаниева М. | Забони кишвари омӯхташаванда | 1 | ихт. англисӣ-хитоӣ | 07.11.2025 | $12^{00}$ -$13^{00}$ |
| 30 | асс.Ғиёсзода С. | Забони хитоӣ | 3 | ихт. хитоӣ- точикӣ | 24.12.2025 | 08:00 |

**Декани факултет, дотсент** **Сайдализода Ш.А.**
**Муовини декан оид ба илм, дотсент** **Каримова Д.Б.**